БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН



ВАЗЪИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДАР НУҲ МОҲИ СОЛИ 2026

ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВИИ БМТ | 2026

9 -моҳи соли 2026

Вазъи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2026

Ба санаи 30 сентябри соли 2026 дар қаламрави кишвар 17 иштирокчии касбии бозори суғурта - 16 ташкилоти суғуртавӣ ва 1 брокери суғуртавӣ[1] фаъолият менамоянд. Аз 16 ташкилоти суғуртавӣ 1 ададӣ он ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 ададӣ дигар ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ мебошанд. Аз ин теъдод ду ташкилоти суғуртавӣ ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ низ машғул мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии кишвар ва намояндагиҳои онҳо бетағйир боқӣ мондааст.

(бо адад)

СОХТОРИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН	30.09.2025	30.09. 2026	Тағйирот (+/-)
Иштирокчиёни касбии бозори суғурта	16	17	1
Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)	16	16	0
ташкилоти суғуртавии давлатӣ	1	1	0
ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ	15	15	0
ташкилоти азнавсуғуртакунӣ[2]	2	2	0
Брокери суғуртавӣ	0	1	1
Филиалҳо	66	66	0
Намояндагиҳо	6	6	0

[1]Дар давраи ҳисоботӣ мувофиқи қарори Раёсати БМТ аз 26 июни соли 2026, №64 ба ҶДММ “Брокери суғуртавии Ориё” барои анҷом додани фаъолияти брокерӣ иҷозатнома дода шудааст.

[2]Дар сохтори низоми суғуртаи кишвар ду ташкилоти суғуртавӣ ҳамзамон ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ машғул мебошанд.

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд гардид

1 332,9
млн сом.
+25,6%

Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи 30 сентябри соли 2026 ба 1 332,9 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта ба маблағи 271,5 млн сомонӣ ё 25,6 фоиз зиёд мебошад.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин сана ба 1,8 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД 0,7 фоизро ташкил дод.

Уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ афзоиш ёфт

421,7
млн сом.
+22,0%

Уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи ҳисоботӣ маблағи 421,7 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли 2025 ба маблағи 76,1 млн сомонӣ ё 22,0 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Маблағҳои худии ташкилотҳои суғуртавӣ афзоиш ёфт

910,4
млн сом.
+27,2%

Маблағҳои худии (сармояи)[3] ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар интиҳои санаи ҳисоботӣ ба 910,4 млн сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин санаи соли гузашта 194,5 млн сомонӣ ё 27,2 фоиз зиёд гардиданд, ки нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби афзоиши сармояи оинномавии баъзе ташкилотҳои суғуртавӣ, инчунин фоидаи тақсимнашуда ва сармояи захиравӣ ба амал омадааст.

[3] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

Сармояи оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд гардид

522,9
млн сом.
+1,4%

Сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар санаи 30 сентябри соли 2026 маблағи 522,9 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин санаи соли 2025 ба андозаи 7,2 млн сомонӣ ё 1,4 фоиз зиёд шудааст.

Миқдори шартномаҳои басташуда афзоиш ёфт

2 557,7
ҳаз. адад
+47,6%

Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар моҳҳои январ-сентябри соли 2026 ба 2 557,7 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли гузашта ба миқдори 824,6 ҳазор адад ё 47,6 фоиз зиёд мебошад.

Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ афзоиш ёфт

349,9
млн сом.
+12,7%

Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба санаи 30 сентябри соли 2026 маблағи 349,9 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2025 ба андозаи 39,4 млн сомонӣ ё 12,7 фоиз зиёд мебошад.

Пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ коҳиш ёфт

23,0
млн сом.
-52,3%

Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар интиҳои нуҳ моҳи соли 2026 ба маблағи 23,0 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 25,2 млн сомонӣ ё 52,3 фоиз кам мебошад.

Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ коҳиш ёфт

126,8
млрд сом.
-21,1%

Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба санаи 30 сентябри соли 2026 маблағи 126,8 млрд сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли қаблӣ ба андозаи 33,9 млн сомонӣ ё 21,1 фоиз кам мебошад.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар санаи ҳисоботӣ маблағи 63,3 млрд сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин санаи соли 2025 ба андозаи 27,5 млрд сомонӣ ё 30,3 фоиз коҳиш ёфтаанд.

Мукофоти суғуртавии ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодашуда кам шуд

51,9
млн сом.
-4,5%

Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдода низоми суғурта ба санаи 30 сентябри соли 2026 ба 51,9 млн сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин санаи соли қаблӣ 2,4 млн сомонӣ ё 4,5 фоиз кам мебошад.

Захираҳои суғуртавӣ зиёд гардиданд

369,2
млн сом.
+40,4%

Захираҳои суғуртавӣ, ки далели саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошанд, дар санаи ҳисоботӣ ба 369,2 млн сомонӣ баробар гардиданд, ки дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2025 ба андозаи 106,3 млн сомонӣ ё 40,4 фоиз зиёд мебошанд.

Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ зиёд гардид

163,7
млн сом.
+33,6

Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба санаи 30 сентябри соли ҳисоботӣ ба 163,7 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2025 ба маблағи 41,2 млн сомонӣ ё 33,6 фоиз зиёд мебошад.

Пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ афзоиш ёфт

137,4
млн сом.
+32,7%

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар маблағи 137,4 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба нуҳ моҳи соли қаблӣ ба андозаи 33,8 млн сомонӣ ё 32,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

ROA ва ROE коҳиш ёфт

ROA 12,3%
ROE 18,0%

Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми суғуртаи кишвар ба санаи 30 сентябри соли 2026 аз рӯйи дороиҳо (ROA) 12,3 фоизро ташкил дода, аз рӯйи сармоя (ROE) ба 18,0 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи соли қаблӣ 1,1 ва 1,9 банди фоизӣ кам мебошанд.